# 12225 - Даст расонидани кофир ба Қуръон

**савол**

Оё барои ғайримусулмон ҷоиз аст, ки Қуръонро бидуни поксозии комил (ба он даст нарасонида) мисли мусулмон бихонад?

**Ҷавоби муфассал**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Қуръони Карим китобест, ки ҷуз покшудагону покизагон ба он даст намерасонанд. Аллоҳ таъоло фармудааст:

إِنَّمَا ٱلۡمُشۡرِكُونَ نَجَسٞ (سورة التوبة: ٢٨).

**«Ҳамоно мушрикон палиданд».** (Сураи Тавба: 28).

Аз ин рӯ, набояд ба кофир иҷоза дод, ки ба Қуръон даст расонад, хоҳ насронӣ бошад, яҳудӣ, буддоӣ, ҳиндуӣ ва ё пайрави дини дигар. Вале ҷоиз аст, ки Қуръонро аз радио ва ё аз навор (кассета) гӯш кунад ва инчунин барои ӯ ҷоиз аст, ки тарҷумаи маъноҳои Қуръонро, ки бо забонҳои гуногун мавҷуданд, бихонад.